ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Муҳиммияти масъала. Бемории сил яке аз хатарноктарин ва паҳншавандатарин бемориҳои сироятии инсону ҳайвонот ба ҳисоб меравад, ки аҳамияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва эпидемиологии он то имрӯз баланд боқӣ мондааст. Паҳншавии васеи ин беморӣ дар тамоми ҷаҳон ва мавҷудияти хавфи сирояти зоонозӣ зарурати тадқиқоту чорабиниҳои нави илмӣ-амалиро боз ҳам бештар меафзояд. Бо дарназардошти тағйирёбии шароити хоҷагидорӣ, зиёдшавии шумораи хоҷагиҳои хусусӣ ва афзоиши чорвои наздиҳавлигӣ, масъалаи ташхиси саривақтӣ ва пешгирии сил дар чорвои калони шохдор аҳамияти аввалиндараҷа пайдо намудааст.

Аммо маълум аст, ки ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои фардӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Яке аз хусусиятҳои асосии он далеле ба ҳисоб меравад, ки дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ) ташхиси бемории сил аз рӯйи гурӯҳ, яъне аз рӯйи подаи ҳайвонот гузошта мешавад. Ҳамин тавр, ҳангоми гузоштани ташхиси бемории сил, аз шумораи ҳайвоноти ба туберкулин мутаасиргашта забҳи ташхисии якчанд ҳайвони ба туберкулин ба таври нисбатан хос мутаасиргаштаро бо назардошти таҳқиқоти минбаъдаи ташреҳию амрозӣ ва озмоишгоҳӣ мегузаронанд.

Дар чунин шароит, такмили усулҳои мавҷудаи ташхис, муайянсозии аксуламалҳои парааллергӣ ва баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои зиддисилӣ барои таъмини амнияти биологии мамлакат ва саломатии аҳолӣ зарур мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар мавриди фарқ намудани бемории сили чорвои калони шохдор, ки аз микобактерияҳои ғайрисилӣ сироят ёфтаанд, диққати зиёд ба истифодаи санҷиши туберкулинии симултанӣ барои ширхӯрон ва аллергени маҷмӯӣ аз микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) дода мешавад, ки дар амалияи ветеринарӣ барои тафриқа намудани аксуламали аллергенӣ оид ба туберкулин ба тариқи васеъ ба кор бурда шуда, санҷиши гурӯҳӣ ба шумор рафта, барои муайян намудани вазъи бемории сил дар хоҷагӣ имконияти самтёбандаро медиҳад.

Дараҷаи баланди эътимоднокии натиҷаҳои рисола бо таҷрибаҳои сершумори озмоишӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ ва инчунин муайян намудани таъсири ҳайлҳои Bacillus subtilis ба зоҳир гардидани аксуламалҳои ғайрихоси аллергенӣ нисбат ба СХТ-туберкулин тасдиқ мегардад.

Маводи пешниҳодшуда дар автореферат ва натиҷаҳои илмӣ-амалии бадастомада гувоҳӣ медиҳанд, ки рисолаи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ба талаботи муқарраршудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ пурра ҷавобгӯй мебошад.

Муаллиф Исвалиев Сино Мирзоназарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пурра арзанда мебошад.

Тақризиҳанда:
мудири кафедраи экологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси
03.01.05-физиологияи ва биохимияи растаниҳо Бутаев М.Қ.

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Сино, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 16, ҳуҷраи 302,
тел: (+992) 93-801-00-30, E-mail: butaev-dmt@mail.ru

Имзои М.Қ.Бутаев - ро тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (372) 21 77 11
E-mail: info@uef.tnu.ti

25 июни соли 2026